# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ оид ба масъалаҳои соҳаи маориф чунин қайд кардаанд: “Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем”.

Нуктаҳои зикргардида гувоҳи онанд, ки назари Ҳукумати ҷумҳурӣ нисбат ба соҳаи маориф ва рушду нумӯи он дар мадди аввал қарор дошта, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба замони муосир яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Мавзуе, ки унвонҷӯ интихоб намудааст, ба яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф, яъне ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ бахшида шуда, моҳияти мавзуи интихобшударо пурра инъикос менамояд.

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон доир ба масоили таҳқиқшаванда баъзе санадҳои ҳуқуқие қабул шуда, баъдан мукаммалтар ва бо мазмуну муҳтавои нав қабул гардиданд, ки барои воридшавии Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот мусоидат намуданд. Ба шарофати ин дар соҳаи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои инноватсионӣ ва интерактивии таълим бештар мавриди истифода қарор мегиранд, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меоваранд.

Мутаассифона, дар самти мазкур, дар баробари дастовардҳо, айни ҳол дар омода намудани кадрҳои педагогии ба сатҳи талаботи муосир ҷавобгӯ камбудиҳо ҷой доранд ва рисолаи илмӣ-таҳқиқотии Бобоҷонова С.Р. фарогири муаммои мазкур мебошад.

Диссертатсияи номзадии Бобоҷонова С.Р., чуноне, ки аз мутолиаи автореферати он бармеояд, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, феҳристи адабиёти илмӣ ва замимаҳо иборат аст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик

мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро ба анҷом расонидааст.

Коркарду ҷорӣ намудани унсурҳои амсилаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки: ҷойгоҳӣ ва махсусияти таълиму тарбияи умумиҳуқуқӣ дар механизми таъсироти ҳуқуқӣ ба шахсияти донишҷӯ муайян карда шавад; татбиқи амсила бо методикаи интерактивии таълими фанни «Ҳуқуқ» таъмин гардад, ки ба таълиму тарбияи донишҷӯёни тамоми ихтисосҳои омӯзгорӣ равона шавад ва дар ниҳояти кор, барои ҳалли муаммои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи раванди мазкур ёрӣ мерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти Бобоҷонова Саломат арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия дар доираи рисола таълиф гардида, маҷмуи натиҷаи кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад.

Автореферат пайдарпайии баёни мантиқӣ дошта, он дар сатхи зарурии илмӣ мураттаб сохта шуда, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти гузаронидашударо дар бар мегирад. Инчунин дар автореферат амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда оварда шудааст.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи диссертант рӯи кор омадааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, баҳри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Хулоса, диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” ба талаботи меъёрҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267) ва “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия” (қарори Раёсати КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017 №3/1) комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи

он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи умумидонишкадавии
фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи
илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд — Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Хуҷанд, маҳаллаи Навбаҳор, микроноҳияи 34. Тел. 926410074; E-mail: munirahon74@mail.ru

Имзои Абдусамадова Мунира Абдуғаффоровнаро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд — Хоҷаева Г. Ҳ.

30.01.2024с.